


# Мизи мудаввар дар мавзуи “Андозбандии объектҳои ғайриманқул: таҷрибаи миллӣ ва хориҷӣ”

05 - Декабри соли 2023

## Мактуби иттилоотӣ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Маркази мусоидати ҳуқуқӣ ба рушди соҳибкорӣ баргузории Мизи мудаввари коршиносиро бо иштироки байналмилалӣ дар мавзуи *“Андозбандии объектҳои ғайриманқул: таҷрибаи миллӣ ва хориҷӣ”* ба нақша гирифтанд.

Сана ва макони баргузории чорабинӣ: 5-уми декабри соли 2023, соати 9.00, дар бинои асосии донишгоҳ, ш.Душанбе, к.Деҳотӣ, ½.

Мақсад аз баргузории чорабинӣ – ҷалби таваҷҷуҳи доираҳои илмию коршиносӣ ба масъалаҳои мубрами андозбандии моликияти ғайрманқул ва таҳияи пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати такмили минбаъдаи он мебошад.

Ба Мизи мудаввар олимони соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ, омӯзгорони муассисаҳои илмӣ ва таълимии таҳсилоти олии касбӣ, мутахассисони амалия, ки нисбати мавзӯъ таваҷҷуҳ доранд, даъват карда мешаванд.

Маводи ҷамъбастии чорабинӣ аз рӯйи натиҷаҳои тақриз ва санҷиши пешакӣ дар сомонаи донишгоҳ ҷойгир карда мешавад.

Барои иштирок дар чорабинӣ то 25 ноябри соли 2023 ирсоли дархост ба суроғаи электронии кумитаи тадрукот (komrontajik@gmail.com) бо зикри насабу ном, дараҷаи илмӣ, ҷой кор, мансаби ишғолкарда ва мавзуи баромад зарур мебошад.

Дар мавзуи мактуб лутфан рамзи Мизи мудавварро нишон диҳед: ЭКС-НК-23.

Баъди қабули маълумот Кумитаи тадорукот мувофиқати мавзуи баромадро бо рӯзномаи Мизи мудаввар месанҷад ва дар давоми ду рӯзи корӣ ба суроғаи электронии муаллиф оид ба ворид намудан ба барномаи чорабинӣ ё ради он бо зикри сабаб хабар медиҳад.

Дархосте, ки баъди муҳлати муайяншуда пешниҳод мегардад, ба барнома ворид карда намешавад.

Бо эҳтиром,<br>
Кумитаи тадорукот